«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ» д.и.т., профессор
_____________Ибодуллозода А.И.
«__26__»______06_______2026 с.

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мутобиқат мекунад: 3. Арзёбии ҳолати реҷаи обии ҳудудҳо ва оқибатҳои геоэкологии тағйирёбии он вобаста ба тағйирёбии андозаҳои иқлим. Таҳлили геоэкологии таъсири танзими ҷараёни дарёҳо ба экосистемаҳои обӣ, соҳилӣ-обӣ ва заминӣ, инчунин асосноккунии роҳҳои ҳифз ва барқарорсозии экосистемаҳои обӣ ва заминӣ; 9. Бӯҳронҳои глобалӣ ва минтақавии экологӣ–тағйироти мураккаби муҳити атроф, ки ба бадшавии шадиди шароити зиндагӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ оварда мерасонанд. Паёмадҳои геоэкологӣ аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ; 14. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва технотабиӣ, пешгӯйии рушди онҳо, арзёбии хатар ва хавф, идоракунии хавф, чораҳои пешгирикунанда барои коҳиш додани паёмадҳои равандҳои фалокатбор, ҳифзи муҳандисии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоот; 17. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар даҳсолаҳои охир масъалаи тағйирёбии иқлим ба яке аз мушкилоти асосии инсоният табдил ёфтааст. Таъсири он махсусан дар минтақаҳои кӯҳистонӣ, ки системаҳои табиӣ ба тағйирёбии ҳарорат ва боришот ҳассос мебошанд, бештар эҳсос мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги пиряхӣ дар маркази ин раванд қарор дошта, тағйироти дар пиряхҳо ба амалоянда на танҳо аҳаммияти илмӣ, балки аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ низ доранд.

Пиряхҳои Помир ҳамчун яке аз марказҳои калонтарини яхбандии кӯҳӣ дар Осиёи Марказӣ дар таъмини захираҳои обии минтақа нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар баробари ин, тағйирёбии ҳолати онҳо метавонад сабаби

пайдоиши равандҳои гуногуни геодинамикӣ ва геоэкологӣ гардад. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ташаккулёбии кӯлҳои пиряхии дорои хатари рахнашавӣ мебошад, ки метавонад боиси офатҳои калони табиӣ гардад.

Таҳқиқи пиряхҳои ҳаракаткунанда дар шароити муосир аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки глятсиологӣ ба шумор меравад. Зарурати омӯзиши онҳо пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки чунин пиряхҳо дар фосилаи нисбатан кӯтоҳи вақт қобилияти тағйир додани реҷаи динамикии худро дошта, суръати ҳаракаташонро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд ва ба масофаҳои калон ҳаракат менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин раванд на танҳо барои рушди донишҳои назариявии пиряхшиносӣ аҳаммияти муҳим дорад, балки барои арзёбии хавфҳои табиӣ ва таъмини амнияти иҷтимоию иқтисодӣ низ зарур мебошад. Зеро ҷойивазкунии босуръати массаҳои ях метавонад дар якҷоягӣ бо дигар равандҳои геоморфологӣ ва гидрологӣ ба хоҷагии халқ, инфрасохтори инженерӣ ва муҳити зист зарари ҷиддӣ расонад.

Чунин хусусият бештар ба пиряхҳои водиҳои калон ва миёна хос буда, онҳо асосан дар ноҳияҳои баландкӯҳи Помир, аз ҷумла дар қаторкӯҳҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Пётри I, Язғулом, Каюмарс ва ҳавзаи пиряхи Ванҷях (Федченко) паҳн гардидаанд. Натиҷаҳои мушоҳидаҳои бисёрсола нишон медиҳанд, ки фаъолияти динамикии ин пиряхҳо хусусияти даврӣ дошта, марҳилаҳои фаъолшавӣ ва оромии онҳо дар фосилаҳои муайян такрор мешаванд.

Пиряхҳои набзӣ одатан бо нишондиҳандаҳои баланди ҷамъшавии массаи ях, захираи назарраси энергетикии дохилӣ ва фарқияти калони баландӣ миёни минтақаҳои ғизодиҳӣ ва обшавӣ тавсиф мешаванд. Дар бисёр мавридҳо ин қисматҳо тавассути шаршараҳои яхӣ ё минтақаҳои шикастаи ях аз ҳам ҷудо гардидаанд. Ҳангоми фаъолшавии чунин пиряхҳо пешравии онҳо метавонад водиҳои паҳлуиро маҳкам намуда, кӯлҳои сарбандии муваққатиро ба вуҷуд оварад. Дар сурати рахна гардидани чунин сарбандҳо хатари обхезиҳои шадид ва дигар падидаҳои фалокатбор барои минтақаҳои он ба миён меоянд.

Дар даҳсолаҳои охир, ҳамзамон бо тағйирёбии иқлим ва афзоиши ҳарорати ҳаво, раванди ташаккули кӯлҳои пиряхӣ дар қисматҳои поёнии забонаҳои пиряхӣ суръати бештар гирифтааст. Ин кӯлҳо асосан дар натиҷаи ақибнишинии пиряхҳо ва ҷамъшавии яххои обшуда ташаккул ёфта, бо сарбандҳои табиӣ маҳдуд мешаванд. Устувории чунин сарбандҳо одатан паст буда, онҳо аз таҳшинҳои моренагӣ ва дигар маводи сустмустаҳкам таркиб ёфтаанд. Ҷамъшавии босуръати об дар ин ҳавзаҳо метавонад сабаби вайроншавии ногаҳонии сарбанд ва озод гардидани ҳаҷми бузурги об гардад. Дар натиҷа ҷараёнҳои пурқувватидори селӣ ва обхезиҳои фалокатбор ташаккул меёбанд, ки ба аҳолӣ ва объектҳои хоҷагидорӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Бо вуҷуди анҷом ёфтани таҳқиқоти сершумори илмӣ, то ҳол барои минтақаи Помир феҳристи мукаммал ва мутамарказонидашудаи кӯлҳои

пиряхӣ ва минтақаҳои эҳтимолан хатарнок таҳия нагардидааст. Дар баробари ин, идома ёфтани гармшавии глобалӣ на танҳо ба зиёдшавии шумораи кӯлҳои пиряхӣ мусоидат мекунад, балки боиси болоравии ҳудуди яхбандии доимӣ ва озод шудани ҳаҷми зиёди маводи кӯҳии қаблан яхбаста низ мегардад.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи таҳқиқот на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти бузурги амалӣ дошта, ба ҳалли масъалаҳои воқеии рушди устувори минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон равона шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти Сайфулозода Кумринисо Ғайбулло ба масъалаи ниҳоят муҳим ва саривақтӣ бахшида шуда, ҷавобгӯи талаботи илмии муосир ва эҳтиёҷоти амалии кишвар мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дардиссертатсия оварда шудаанд.** Муқарраротои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ ба таври кофӣ асоснок гардидаанд. Асоснокии натиҷаҳо ба истифодаи маълумоти мушоҳидаҳои саҳроӣ, таҳлили маводи картографӣ, тасвирҳои кайҳонӣ, маълумоти гидрометеорологӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ такя мекунад.

Хулосаҳои илмии муаллиф дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои динамикии пиряхҳои ҳаракаткунанда, омилҳои ташаккул ва рушди кӯлҳои пиряхӣ, инчунин таъсири тағйирёбии иқлим ба муҳити баландкӯҳӣ ба даст оварда шудаанд. Робитаи мантиқии байни ҳадаф, вазифаҳо, усулҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада риоя гардида, эътимоднокии хулосаҳои пешниҳодшударо таъмин менамояд.

Пешниҳодҳои амалии дар диссертатсия ироашуда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд ҳангоми мониторинги пиряхҳо, баҳодиҳии хавфи кӯлҳои рахнашаванда, таҳияи чорабиниҳои пешгирикунандаи ҳолатҳои фавқулода ва такмили низоми идоракунии хавфҳои табиӣ дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон истифода шаванд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии илмии диссертатсия омӯзиши комплексии пиряхҳои ҳаракаткунанда, муайян намудани хусусиятҳои динамикии онҳо ва арзёбии нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашаванда ифода меёбад. Дар диссертатсия қонуниятҳои муайян инкишоф дода шуда, баъзе масъалаҳои баҳсталаби глятсиология аз нав баррасӣ гардидаанд.

Саҳеҳии натиҷаҳо бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот, муқоисаи натиҷаҳо бо корҳои дигар муҳаққиқон ва санҷиши саҳроии маълумот таъмин гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти назарраси илмӣ буда, барои такмили донишҳои мавҷуда дар самти геоэкология, глятсиология ва омӯзиши равандҳои муосири табиӣ дар минтақаҳои баландкӯҳ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Дар ҷараёни таҳқиқот қонуниятҳои ташаккул ва рушди пиряххои ҳаракаткунанда, хусусиятҳои динамикаи онҳо ва таъсири онҳо ба муҳити табиӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Маълумоти бадастомада имконият медиҳанд, ки тасаввуроти илмӣ оид ба равандҳои пиряхӣ, омилҳои таъсиррасон ба тағйирёбии онҳо ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои пиряхии хатарнок мукаммал гардонида шавад. Аз ин лиҳоз, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самти омӯзиши пиряххои Помир ва дигар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада барои ташкил ва такмили низоми мониторинги пиряхҳо, кӯлҳои пиряхӣ ва дигар объектҳои табиии хавфнок ифода меёбад. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд аз ҷониби муассисаҳои илмӣ, сохторҳои соҳавии давлатӣ, мақомоти ҳифзи муҳити зист ва Кумитаи ҳолатҳои фавкулода ҳангоми таҳияи барномаҳои мушоҳидавӣ, пешгӯйии хавфҳои табиӣ ва банақшагирии чорабиниҳои пешгирикунанда мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, маводи таҳқиқот метавонад дар раванди таълим ва омодасозии мутахассисони соҳаи география, геология, геоэкология ва идоракунии захираҳои табиӣ низ татбиқ гардад.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** ба масъалаҳои коҳиш додани хавфи зарарҳои моддӣ ва баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои муҳофизатӣ вобастагӣ дорад. Муайян намудани минтақаҳои эҳтимолан хавфнок ва пешгӯйии рушди кӯлҳои рахнашавандаи пиряхӣ имкон медиҳад, ки зарарҳои эҳтимолии вобаста ба селҳо, обхезиҳо ва дигар падидаҳои табиии харобиовар пешгирӣ ё ба ҳадди ақал расонида шаванд. Дар натиҷа хароҷоти вобаста ба барқарорсозии роҳҳо, пулҳо, иншооти гидротехникӣ, хатҳои интиқоли барқ ва дигар объектҳои муҳимми хоҷагии халқ коҳиш меёбад. Аз ин нуқтаи назар, татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба баланд гардидани самаранокии идоракунии хавфҳои табиӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ мусоидат намояд.

**Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот низ хеле муҳим мебошад.** Натиҷаҳои бадастомада барои баланд бардоштани сатҳи бехатарии аҳолии минтақаҳои кӯҳистон, ки бештар ба таъсири равандҳои хатарноки табиӣ дучор мешаванд, мусоидат менамоянд. Таҳияи чораҳои пешгирикунанда ва такмили низоми огоҳсозии барвақтӣ метавонад барои ҳифзи ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, паст намудани хатари офатҳои табиӣ ва таъмини рушди устувори маҳалҳои аҳолинишин заминаи мусоид фароҳам оварад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ ва

ташаккули муносибати масъулона нисбат ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим саҳми арзанда гузоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи маҷмуи усулҳои саҳроӣ, таҳлилӣ ва муқоисавӣ таъмин шудааст. Муаллиф аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ истифода намуда, натиҷаҳоро бо маълумоти дастрас муқоиса кардааст. Ин имконият медиҳад, ки хулосаҳои пешниҳодшуда ҳамчун натиҷаҳои боэътимоди илмӣ арзёбӣ гарданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки ҷамъоварии мавод, коркарди маълумот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз ҷониби худи муаллиф анҷом дода шудааст. Саҳми шахсии довталаб дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот назаррас мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо инъикос ёфтаанд. Муаллиф интишороташ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, ба таъб расидаанд. Интишори натиҷаҳо нишон медиҳад, ки онҳо аз муҳокимаи ҷомеаи илмӣ гузаштаанд ва барои истифодаи минбаъда аҳаммият доранд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, сохтори мантиқӣ дорад. Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, рӯйхати адабиёт ва хулоса иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 146 саҳифа буда, 9 ҷадвал, 19 расм иборат аст. Ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда дар маҷмуъ ҳалли худро ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омузиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд *(с. 5-11).*

**Боби якуми диссертатсия** таҳти унвони «Тавсифи физикӣ-географии ҳавзаи дарёи Ванҷоб» муаллиф заминаи табиии ташаккул ва рушди пиряхҳоро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст.

Муаллиф пеш аз ҳама хусусиятҳои ҷойгиршавии географии ҳавзаи дарёи Ванҷобро таҳлил намуда, нақши омилҳои табииро дар ташаккули муҳити пиряхӣ нишон медиҳад. Дар диссертатсия сохтори геологӣ, релеф, иқлим, шабакаи гидрографӣ ва дигар омилҳои табиӣ ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд.

Таҳлили релефи топиряхӣ нишон медиҳад, ки шароити орографӣ барои ташаккули пиряхҳои бузург ва ҳаракаткунандаи минтақа мусоид мебошад.

Муаллиф вобастагии байни баландии маҳал, нишебии сатҳ ва рушди пиряххоро асоснок намудааст.

Қисмати ба иқлим бахшидашуда аҳаммияти махсус дорад. Дар он хусусиятҳои реҷаи ҳароратӣ, тақсимоти боришот ва нақши онҳо дар ташаккули тавозуни массаи пиряхҳо нишон дода шудаанд. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки тағйирёбии бузургиҳои иқлимӣ бевосита ба тағйирёбии ҳаҷм ва суръати ҳаракати пиряхҳо таъсир мерасонад.

Дар маҷмуъ, боби якум ҳамчун асоси илмии таҳқиқоти минбаъда хизмат намуда, барои дарки хусусиятҳои муҳити табиии ҳавзаи дарёи Ванҷоб аҳаммияти калон дорад. (с.12-26).

**Боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони «Пиряхҳои набзии Тоҷикистон» яке аз қисматҳои асосӣ ва аз ҷиҳати илмӣ муҳимми таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Дар ин боб муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба пиряхҳои набзӣ, хусусиятҳои паҳншавӣ, қонуниятҳои ҳаракат, омилҳои ташаккул ва нақши онҳо дар пайдоиши кӯлҳои пиряхии хатарнокро дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва маводи саҳроӣ баррасӣ намояд.

Дар зербоби 2.1. фикру андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба пиряхҳои набзии Помир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф рушди назарияҳои илмиро оид ба табиати пиряхҳои набзӣ пайгирӣ намуда, нишон медиҳад, ки то имрӯз масъалаи сабабҳои ҳаракати фавқулодаи чунин пиряхҳо пурра ҳал нашудааст. Афзалияти ин қисми таҳқиқот дар он аст, ки андешаҳои гуногуни олимон мавриди муқоиса қарор гирифта, мавқеи илмии муаллиф нисбат ба масъалаҳои баҳсталаб низ баён гардидааст.

Дар зербоби 2.2. тавсифи умумии пиряхҳои набзии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Муаллиф ҷойгиршавӣ, хусусиятҳои морфологӣ, масоҳат, хусусиятҳои динамикӣ ва сатҳи фаъолшавии онҳоро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки қисми зиёди пиряхҳои набзии Осиёи Марказӣ маҳз дар ҳудуди Тоҷикистон, бахусус дар минтақаҳои баландкӯҳи Помир ҷойгир шудаанд. Ин қисми диссертатсия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои муайян намудани минтақаҳои эҳтимолан хавфнок заминаи муҳим фароҳам меорад.

Дар зербоби 2.3. баъзе пиряхҳои набзии алоҳида мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифтаанд. Дар асоси маълумоти саҳроӣ ва адабиёти илмӣ хусусиятҳои ҳаракат, тағйирёбии мавқеи забонаи пиряхҳо, суръати пешравӣ ва ақибнишинии онҳо баррасӣ шудаанд. Муаллиф тавонистааст хусусиятҳои инфиродии ҳар як пиряхро нишон диҳад ва робитаи онҳоро бо шароити табиӣ ва геоморфологии минтақа асоснок намояд.

Зербоби 2.4. ба яке аз масъалаҳои муҳими глятсиология - сабабҳои набзӣ будани пиряхҳои Помир бахшида шудааст. Бо истифода аз мисоли пиряхҳои ҳавзаи дарёи Ванҷоб омилҳои иқлимӣ, геологӣ, гидрологӣ ва морфологие, ки ба фаъолшавии пиряхҳо мусоидат менамоянд, таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки ҳаракати набзии пиряхҳо натиҷаи таъсири як омил набуда,

балки маҳсули таъсири мутақобилаи якчанд омилҳои табиӣ мебошад. Ин натиҷа аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, барои фаҳмиши механизмҳои рушди пиряхҳои набзӣ мусоидат менамояд.

Дар зербоби 2.5. масъалаи кӯлҳои басташуда, гурӯҳбандӣ ва сабабҳои рахнашавии онҳо баррасӣ шудааст. Муаллиф таснифоти кӯлҳоро пешниҳод намуда, хусусиятҳои пайдоиш, инкишоф ва тағйирёбии онҳоро таҳлил кардааст. Хусусан масъалаҳои марбут ба кӯлҳои пиряхӣ ва сарбандҳои табиӣ бо диққати махсус омӯхта шудаанд. Дар ин бахш омилҳои асосии баландшавии сатҳи об, механизмҳои сустшавӣ ва вайроншавии сарбандҳои табиӣ, инчунин омилҳои ба вуҷуд омадани селҳои харобиовар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар зербахшҳои 2.5.4. ва 2.5.5. муаллиф методологияи таҳқиқот ва усулҳои арзёбии хавфи рахнашавии кӯлҳои пиряхиро пешниҳод менамояд. Истифодаи усулҳои арзёбии ниммиқдорӣ ва моделҳои эмпирикӣ имкон додааст, ки эҳтимолияти ба вуҷуд омадани селҳо ва паёмадҳои эҳтимолии онҳо арзёбӣ карда шаванд. Ин қисмати таҳқиқот дорои аҳаммияти бузурги амалӣ буда, метавонад ҳангоми таҳияи нақшаҳои мониторинг ва пешгирии ҳолатҳои фавқулода истифода гардад.

Дар зербоби 2.6. натиҷаҳои таҳқиқоти зерҳавзаи дарёи Ванҷоб ҷамъбаст гардидаанд. Муаллиф дар асоси таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлили маълумоти мавҷуда вазъи пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхии минтақа, сатҳи хавфнокии онҳо ва эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодаро арзёбӣ намудааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, барои такмили мониторинги объектҳои хатарноки табиӣ аҳаммияти назаррас доранд.

Маводи пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки муаллиф ба адабиёти илмӣ ва усулҳои муосири таҳқиқот хуб ошно буда, тавонистааст масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии марбут ба пиряхҳои набзӣ, инчунин, кӯлҳои пиряхии хатарнокро дар сатҳи баланди илмӣ баррасӣ намояд. Натиҷаҳои ин боб ҳамчун заминаи илмӣ барои бобҳои минбаъдаи диссертатсия хизмат намуда, дар ташаккули хулосаҳои умумии таҳқиқот нақши муҳим мебозанд. *(с. 30-63).*

**Боби сеюми диссертатсия** таҳти унвони «Реҷаи пиряхҳои набзӣ» ном гирифтааст, ки муҳимтарин қисми таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб рафтаанд. Дар он натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлилҳои илмии муаллиф оид ба фаъолияти пиряхҳои набзии ҳавзаи дарёи Ванҷоб ҷамъбаст гардидаанд. Дар ин боб диққати асосӣ ба омӯзиши хусусиятҳои динамикӣ, реҷаи ҳаракат, тавозуни моддӣ, ташаккул ва рушди кӯлҳои сарбандӣ, инчунин пешгӯйии равандҳои эҳтимолии хатарнок равона карда шудааст.

Дар зербоби 3.1. пиряхи Хирсон ҳамчун яке аз пиряхҳои фаъол ва аз ҷиҳати геоэкологӣ муҳимми минтақа мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф нахуст тавсифи умумии пиряхро пешниҳод намуда, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, хусусиятҳои морфологӣ, андозаҳо ва нақши онро дар

ташаккули равандҳои табиии ҳавзаи дарёи Ванҷоб шарҳ медиҳад. Маълумоти пешниҳодшуда барои дарки хусусиятҳои умумии пирях ва арзёбии аҳаммияти он ҳамчун объекти таҳқиқот заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

Дар зербоби 3.1.2. шарҳи мухтасари таърихи омӯзиши пиряхи набзии Хирсон ва хусусиятҳои асосии фаъолияти он оварда шудааст. Дар ин қисмат муаллиф маълумоти олимони гуногунро таҳлил намуда, тағйирёбии мавқеи забонаи пирях, давраҳои фаъолшавӣ ва хусусиятҳои ҳаракати онро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Афзалияти ин бахш дар он зоҳир мегардад, ки таҳлил танҳо хусусияти тавсифӣ надошта, бо натиҷаҳои таҳқиқоти худи муаллиф пурра карда шудааст.

Дар зербоби 3.1.3. масъалаи тавозуни моддии пирях таҳлил гардидааст. Муаллиф равандҳои ҷамъшавӣ ва талафоти массаи яхро омӯхта, таъсири омилҳои иқлимӣ ва орографиро ба ҳолати пирях арзёбӣ менамояд. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки тағйирёбии тавозуни моддӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими муайянкунандаи фаъолияти минбаъдаи пирях ба ҳисоб меравад. Хулосаҳои пешниҳодшуда барои омӯзиши тағйирёбии захираҳои яхии минтақа аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар зербоби 3.1.4. реҷаи ҷамъшавӣ ва рахнашавии кӯли сарбандии Абдуқаҳҳор мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифтааст. Муаллиф омилҳои асосии ташаккули кӯл, хусусиятҳои гидрологӣ, тағйирёбии сатҳи об ва сабабҳои эҳтимолии рахнашавии онро таҳлил менамояд. Ин қисмати таҳқиқот аҳаммияти бузурги геоэкологӣ дошта, барои арзёбии хавфи офатҳои табиӣ дар минтақа хеле муҳим мебошад.

Дар зербоби 3.1.5. масъалаи пешгӯйии вақт ва бузургии сарфи максималии об ҳангоми рахнашавии кӯли Абдуқаҳҳор баррасӣ шудааст. Бо истифода аз усулҳои ҳисоббарории муосир ва қонуниятҳои эмпирикӣ бузургиҳои эҳтимолии ҷараёнҳои селӣ муайян гардидаанд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда дорои аҳаммияти калони амалӣ буда, метавонанд ҳангоми таҳияи нақшаҳои пешгирии ҳолатҳои фавқулода истифода шаванд.

Дар зербоби 3.1.6. масъалаи пешгӯйии набзи пиряхҳо таҳлил шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст омилҳои асосии фаъолшавии пиряхҳоро муайян намуда, имконияти пешгӯйии тағйироти минбаъдаи онҳоро арзёбӣ намояд. Ин бахши таҳқиқот яке аз қисматҳои навоваронаи диссертатсия ба ҳисоб меравад, зеро масъалаи пешгӯии набзи пиряхҳо то ҳол аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами глятсиологияи муосир маҳсуб мешавад.

Дар зербоби 3.2. хусусиятҳои умумии пирях, вазъи муосир ва нақши он дар ташаккули равандҳои геоморфологӣ ва гидрологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 3.2.1. моренаҳои сатҳи муосири пиряхи Меҷдор таҳлил гардидаанд. Муаллиф хусусиятҳои морфологӣ ва геоморфологии онҳоро омӯхта, аҳаммияти онҳоро дар муайян намудани таърихи рушди пирях нишон

медиҳад. Маълумоти пешниҳодшуда барои барқарорсозии марҳилаҳои инкишофи пирях аҳаммияти муҳим дорад.

Дар зербоби 3.2.2. тағйирёбии қисми охири пиряхи Меҷдор таҳлил шудааст. Дар асоси маводи саҳроӣ ва маълумоти дистансионӣ тамоюлҳои асосии рушди пирях муайян гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки тағйирёбии забонаи пирях зери таъсири омилҳои иқлимӣ ва хусусиятҳои дохилии худи пирях сурат мегирад.

Дар зербоби 3.2.3. хусусиятҳои кӯли басташудаи вобаста ба пиряхи Меҷдор мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Омилҳои ташаккул, реҷаи гидрологӣ ва сатҳи хавфнокии он аз нуқтаи назари геоэкологӣ арзёбӣ шудаанд. Ин бахш бо масъалаҳои амнияти экологӣ ва коҳиш додани хавфҳои табиӣ алоқаи зич дорад.

Дар зербоби 3.2.4. реҷаи ҳаракати забонаи пиряхи Меҷдор таҳлил гардидааст. Муаллиф хусусиятҳои динамикии пиряхро дар давраҳои гуногун омӯхта, қонуниятҳои асосии ҳаракати онро муайян намудааст. Натиҷаҳои бадастомада барои фаҳмиши механизмҳои фаъолияти пиряхҳои набзӣ аҳаммияти илмии назаррас доранд.

Дар зербоби 3.3. тавсияҳои муаллиф оид ба муҳофизати иншооти хоҷагии халқ аз оқибатҳои набзи пиряхҳои Хирсон ва Меҷдор пешниҳод шудаанд. Ин қисми таҳқиқот дорои аҳаммияти баланди амалӣ мебошад, зеро дар он роҳҳои коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ, такмили мониторинги пиряхҳо ва баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирикунанда асоснок карда шудаанд. Пешниҳодҳои мазкур метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва сохторҳои масъули идоракунии ҳолатҳои фавқулода истифода шаванд.

Натиҷаҳои пешниҳодшуда арзиши назариявӣ ва амалии баланд дошта, саҳми шахсии муаллифро дар ҳалли масъалаҳои муҳимми геоэкология ва глятсиология нишон медиҳанд. Маҳз дар ҳамин боб натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот бештар инъикос ёфта, барои ташаккули хулосаҳои умумии диссертатсия заминаи мустаҳкам фароҳам овардаанд (с. 77-115).

**Боби чаҳоруми диссертатсия** таҳти унвони «Тавсияҳои методӣ аз рӯйи мушоҳидаҳо барои пиряхҳои набзӣ ва кӯлҳои пиряхии рахнашаванда» ҳамчун қисмати ҷамъбастӣ ва амалии таҳқиқот баромад намуда, натиҷаҳои илмии бадастомадаи муаллифро ба самти татбиқи амалӣ ва такмили низоми мониторинги объектҳои хатарноки табиӣ равона месозад.

Дар зербоби 4.1. масъалаҳои марбут ба мушоҳидаҳои пиряхҳои набзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси таҷрибаи таҳқиқоти саҳроӣ ва омӯзиши маводи илмӣ маҷмуи тавсияҳоро оид ба ташкили мушоҳидаҳои мунтазам пешниҳод намудааст. Дар ин қисмат аҳаммияти назорати доимии мавқеи забонаи пирях, суръати ҳаракат, тағйирёбии ҳаҷми массаи ях, ҳолати моренаҳо ва дигар нишондиҳандаҳои муҳими глятсиологӣ асоснок карда шудааст.

Дар зербоби 4.2. масъалаҳои вобаста ба кӯлҳои пиряхии рахнашаванда ва хусусиятҳои мониторинги онҳо таҳлил шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар шароити тағйирёбии иқлим шумораи кӯлҳои пиряхӣ ва ҳаҷми оби дар онҳо ҷамъшаванда мунтазам афзоиш меёбад, ки ин ҳолат хавфи рахнашавии онҳоро зиёд менамояд. Аз ин рӯ, ташкили мушоҳидаҳои доимӣ аз болои чунин объектҳо яке аз вазифаҳои муҳимми илмӣ ва амалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар зербоби 4.2.1. масъалаи рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ ва омилҳои асосии ба вуҷуд омадани он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф сабабҳои асосии вайроншавии сарбандҳои табиӣ, нақши обшавии босуръати пиряхҳо, афзоиши ҳаҷми об, таъсири равандҳои геодинамикӣ ва дигар омилҳои табииро таҳлил менамояд. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда аломатҳои эҳтимолии саршавии раванди рахнашавӣ муайян гардидаанд, ки метавонанд барои пешгӯйии хавф ва қабули қарорҳои саривақтӣ истифода шаванд.

Дар зербоби 4.2.2. тавсияҳо оид ба мушоҳидаҳои кӯлҳои пиряхӣ пешниҳод гардидаанд. Муаллиф зарурати назорати мунтазами сатҳи об, ҳолати сарбандҳо, суръати ҷамъшавии об ва дигар нишондиҳандаҳои муҳимми гидрологиро асоснок менамояд. Ҳамзамон дар ин қисмат масъалаҳои ташкили шабакаҳои мушоҳидавӣ, истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои пешрафтаи баҳодиҳии хавф баррасӣ шудаанд.

Арзиши илмии боби мазкур дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ маҷмуи чораҳои методӣ ва тавсияҳои амалиро таҳия намудааст, ки метавонанд барои рушди минбаъдаи мониторинги пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхӣ заминаи илмӣ фароҳам оваранд. Тавсияҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти комплексӣ буда, инчунин масъалаҳои мушоҳида, арзёбии хавф ва чораҳои пешгирикунандаро дар бар мегиранд.

Аҳаммияти амалии боб махсусан калон мебошад, зеро натиҷаҳои он метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлатии соҳаи гидрометеорология, мақомоти ҳифзи муҳити зист, муассисаҳои илмӣ ва сохторҳои идоракунии ҳолатҳои фавқулода ҳангоми ташкили мониторинг ва таҳияи барномаҳои коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ истифода шаванд. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд гардидани самаранокии назорат аз болои объектҳои хатарноки табиӣ ва паст намудани эҳтимолияти зарарҳои иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат намояд (с. 120-127).

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267» такмил дода шудааст, мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло таҳқиқоти мустақили илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, дар он масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии марбут ба омӯзиши пиряххои набзии Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои пиряхии рахнашаванда мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводди илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосабарорӣ мустақилияти илмӣ нишон дода, тавонистааст вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо дар сатҳи зарурии илмӣ ҳал намояд. Сохтор ва мантиқи баёни мавод ба талаботи таҳқиқоти тахассусии илмӣ ҷавобгӯ буда, байни қисматҳои алоҳидаи диссертатсия робитаи мантиқӣ ва пайдарпайии илмӣ ба назар мерасад.

Матни диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия гардида, масъалаҳои мавриди таҳқиқ бо истифода аз истилоҳоти қабулшудаи соҳа ва мафҳумҳои илмии дахлдор шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Тарзи баёни андешаҳо пайдарпай ва асоснок буда, маводи назариявӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар шакли муназзам пешниҳод гардидаанд. Барасмиятдарории диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда мутобиқат намуда, ҷиҳати сохтор, тартиби ҷойгиркунии мавод, истифодаи ҷадвалҳо, расмҳо, харитаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ба меъёрҳои қабулгардидаи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, инчунин мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври кофӣ инъикос менамоянд. Муқарраротии асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот дар онҳо таҷассум ёфта, барои шиносоии ҷомеаи илмӣ бо дастовардҳои бадастомада заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар самти геоэкология ва глятсиология аҳаммияти муайяни назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло аз ҷиҳати сатҳи таҳқиқ, асоснокии натиҷаҳои илмӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Мавзуи диссертатсия, муҳтавои таҳқиқот, натиҷаҳои илмии бадастомада ва хулосаҳои пешниҳодшуда ба талаботи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пурра мувофиқат менамоянд. Сатҳи омодагии илмии Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло ва

натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология асоси кофӣ фароҳам меоранд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди арзиши баланди илмии таҳқиқот баъзе эродҳои хусусияти тавсиявӣ дошта метавонанд:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба таъсири тағйирёбии иқлим ба фаъолияти пиряххои набзии минтақаи Помир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо барои равшантар намудани робитаи байни тағйирёбии унсурҳои иқлимӣ ва динамикаи пиряххо истифодаи маълумоти дарозмуддати метеорологӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо бо нишондиҳандаҳои фаъолияти пиряхҳо метавонад натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам мукаммалтар гардонад.

2. Муаллиф дар як қатор ҳолатҳо сабабҳои ташаккул ва рушди кӯлҳои пиряхиро асоснок намудааст, вале ҷалби таҷрибаи минтақаҳои дигари кӯҳии ҷаҳон ва гузаронидани таҳлили муқоисавӣ бо кӯлҳои пиряхии берун аз ҳудуди Тоҷикистон имконият медод, ки хулосаҳои илмӣ боз ҳам фарохтар ва асосноктар пешниҳод гарданд.

3. Дар боби марбут ба пешгӯйии набзи пиряхҳо як қатор нишондиҳандаҳои муҳимми глятсиологӣ истифода шудаанд, вале масъалаи арзёбии эҳтимолияти рушди равандҳо дар шароити сценарияҳои гуногуни тағйирёбии иқлим ба таври муфассал баррасӣ нашудааст. Таҳлили чунин сенарияҳо метавонад аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро бештар намояд.

4. Дар диссертатсия тавсияҳои амалӣ оид ба мониторинги пиряхҳо ва кӯлҳои пиряхии рахнашаванда пешниҳод шудаанд, аммо баъзе ҷанбаҳои ташкилӣ ва иқтисодии татбиқи онҳо дар шароити минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мухтасар инъикос гардидаанд. Баррасии васеътари ин масъала метавонад барои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти бештар дошта бошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умуми оид ба дисертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» таҳқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ буда, дар он масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии марбут ба омӯзиши пиряхҳои набзӣ, кӯлҳои пиряхии рахнашаванда ва хавфҳои геоэкологии вобаста ба онҳо дар сатҳи баланди илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси география, мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 11 аз 15. 06. 2026 с.).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 8 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 8 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси маҷлис:**
номзади илмҳои география,
дотсенти кафедраи географияи
иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Гулмирзоев Қ.Ҳ.

**Эксперт:**
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси география Ибодов Ш.М.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Муаллими калон Мирзомудинов Д.А.

Имзоҳои: Гулмирзоев Қ.Ҳ.,
Ибодов Ш.М., Мирзомудинов Д.А. – ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ» Қодирзода С.

«15» 06 2026 с.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121, www.tgpu.tj;
Телефон: (+99237) 224 13 83,
E-mail: ibfo@tgpu.tj.